ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Имрӯзҳо рушди сайёҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ин соҳа таваҷҷуҳ бештар гардида, оид ба шохаҳои гуногуни сайёҳӣ корҳои илмию тадқиқотӣ анҷом дода шудаанд. Мавзуи рисолаи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна низ ба яке аз самтҳои асосии ин соҳа – муаррифӣ ва тарғиби сайёҳӣ тавассути ВАО, хосатан матбуоти даврӣ бахшида шудааст, ки боиси дастгирист. Зеро танҳо тавассути муаррифӣ ва тарғиб метавон барои ҷалби сайёҳон ба кишварамон мусоидат кард, бо маводи баррасикунандаи масъалаҳои ҳалталаби соҳа барои рафъи камбудиҳои соҳа кумак намуд, ки ин ҳама вазифаи матбуоти даврӣ аст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки мавзуи диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна муҳим ва мубрам буда, барои муайян намудани раванди татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди сайёҳӣ ва ташаккули афкори касбии журналистикаи саёҳатӣ дар кишвар аҳаммиятнок аст.

Мавзуи баррасии масъалаи сайёҳӣ дар матбуоти даврӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал таҳқиқ мегардад. Муҳаққиқ дар ин пажӯҳиш нақши матбуоти даврирро дар инъикоси воқеиятҳои сайёҳӣ, баррасии масоили сайёҳӣ, тарғиб ва муаррифии мавзеъҳои сайёҳии кишвар ва ба ин васила, ҷалби сайёҳон ба Тоҷикистон муайян сохтааст.

Диссертатсия дорои аппарати илмии пурқувват буда, мувофиқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва пешниҳод гардидааст. Сохтори рисола аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт

хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натичаҳо, рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Бобу фаслҳои кор ҷиҳатҳои гуногуни мавзуъро дар бар гирифта, алоқамандӣ ва пайдарпайии мантиқиро соҳибанд.

Боби аввал "Заминаҳои ҳуқуқӣ ва ичтимоии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, дар он асосҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои ичтимоию табиии рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар баррасӣ гардида, мавқеи ВАО, бахусус матбуоти даврӣ дар таргиби ин асноди ҳуқуқӣ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, дар ин боб аҳаммияти тадбирҳои ҳукуматӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ба воситаи маводи нашрияҳои даврӣ муайян гардидааст, ки аз қобилияти баланди илмии муҳаққиқ далолат медиҳад.

Воқеан, барои рушди ҳар соҳа заминаҳои ичтимоӣ ва ҳуқуқӣ омили асосӣ маҳсуб меёбанд. Ба ин назар, муҳаққиқ бо баррасии асноди ҳуқуқиву расмӣ дуруст хулоса мебарорад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба сайёҳӣ барои ба танзим даровардани фаъолияти сайёҳӣ, андешидани тадбирҳои зарурӣ дар рушди ин соҳа, амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳо вобаста ба рушди сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ, бартараф кардани мушкилоти соҳа, роҳандозии ислоҳот дар фаъолияти сайёҳӣ, муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ, пешниҳоди брендҳои сайёҳии кишвар ва дигар вазифаҳои марбутаи рушддиҳандаи соҳа нигаронида шудаанд. Дар ин самт вазифаи воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ, пеш аз ҳама, дар чопи қонунҳо ва тафсили онҳо, пешниҳоди маводи ҷолиб оид ба татбиқи барномаву стратегияҳои давлатии соҳавӣ, муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари муҷиби сайёҳӣ намудор мегардад.

Боби дувум "Инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ дар нашрияҳои даврӣ" унвон дошта, таҳлили хусусиятҳои мавзуии маводи марбут ба сайёҳиро дар нашрияҳои даврии «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» фаро гирифтааст. Аз тарафи диссертант таснифоти фаслҳои боб аз рӯйи объекти таҳқиқ сурат гирифта, нақши нашрияҳои даврии мавриди интихоб дар инъикоси воқеиятҳои сайёҳӣ ба таври муқоиса нишон дода

шудааст. Муҳаққиқ собит намудааст, ки тавассути ВАО ва, махсусан матбуоти даврӣ фарҳанги меҳмоннавозӣ, баланд бардоштани маърифати муошират бо сайёҳон ва васеъ гардонидани доираи ҷаҳонбинии мардум рочеъ ба маконҳои истироҳатӣ ва амсоли ин ташаккул меёбад.

Дар фаслҳои алоҳида таҳлили "Вижагиҳои инъикоси масоили марбут ба сайёҳӣ дар нашрияи «Ҷумҳурият»" ва "Таҳлили таносуби мавзуъҳои сайёҳӣ дар нашрияи «Ҷавонони Тоҷикистон»" сурат гирифта, бо усули муқоисавӣ ва оморӣ маводи ин ду нашрия таҳлил ва аз рӯи мундарича таснифот карда шудааст.

Бино ба омӯзишҳои диссертант таносуби мавзуъҳои марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои мавриди омӯзиш яксон набуда, рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" ба ин соҳа муносибати нисбатан маҳдуд намудааст. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳи рӯзномаи мазкур дар муқоиса ба нашрияи "Ҷумҳурият" ба бозтоби таассуроти сайёҳони хориҷӣ ва муаррифии мавзеъҳои сайёҳиву таърихӣ бештар будааст.

Боби сеюми диссертатсия "Имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси масоили сайёҳӣ" унвон дошта, аз ду фасл: "Иттилоотонӣ ва шарҳи воқеиёти марбут ба сайёҳӣ дар қолаби жанрҳои ахборӣ" ва "Имконоти жанрҳои таҳлилӣ ва бадеӣ-публисистӣ дар тавзеҳ ва баррасии масъалаи сайёҳӣ" таркиб ёфта, дар маҷмуъ имконоти жанрҳои публитсистӣ дар инъикос ва баррасии воқеиёти марбут ба сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия намунаи маводи марбут ба сайёҳӣ аз нигоҳи жанрҳои алоҳида таҳлил гардида, вижагиҳои жанрӣ, навъҳо, предмети инъикос, сохтор, услуб, забони баён муайян ва дараҷаи истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар нашрияҳои даврии мавриди пажӯҳиш аз тарафи диссертант муқоиса карда шудааст, ки аз тафаккури илмии ӯ шаҳодат медиҳад. Муаллиф бар он назар аст, ки истифодаи унсурҳои жанрҳои ахборӣ (хабар, мусоҳиба, хисобот), таҳлилӣ (мақола, мухбирнома) ва публитсистӣ-бадеӣ (сафарнома) имкон додааст, ки рӯзноманигорон моҳияти мавзуи баррасишавандаро фаҳмонанд, вазъи баамаломадаро шарҳ ва таҳлил намоянд, роҳҳои ҳалли

мушкилоти соҳаи сайёҳиро нишон диҳанд. Муҳаққиқ дар асоси таҳлил ва мушоҳидаҳо ба хулосае расидааст, ки истифодаи жанрҳои репортаж, табсира ва луқма, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳо кам ба мушоҳида мерасанд, дар инъикосу шарҳу тафсири воқеиёти роҷеъ ба сайёҳӣ аз тарафи нашрияҳои мавриди таҳқиқ мувофиқи мақсад буда, барои рангорангии жанрӣ ва ҷалби хонанда мусоидаткунанда аст.

Дар хулосаи диссертатсия унвонҷӯ дар ҳаҷми 9 банд нуктаҳои асосии таҳқиқоти хешро натиҷагирӣ намудааст, ки илмиву мантиқӣ буда, муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд ва хусусияти навгонӣ доранд. Ҳамзамон, вобаста ба ҳар як банди хулоса оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки барои истифодаи амалӣ муфид буда, ба рушду равнақи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ва ташаккулёбии журналистикаи саёҳатӣ нигаронида шудаанд. Пешниҳодҳо аз хусусияти амалӣ доштани диссертатсия дарак медиҳанд.

Диссертатсия аз аҳаммияти амалӣ ва назариявӣ хуб бархӯрдор буда, тарзи муносибат ба мавзуъ, истифодаи маводи зиёд, сатҳи таҳлил ва таҳқиқ аз камолоти илмии муаллифи диссертатсия дарак медиҳанд. Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба мушоҳида расид, ки ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Фасли якуми боби аввал, ки баррасии асноди қонунгузорӣ оид ба сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад, бештар ҷанбаи ташреҳӣ пайдо карда, дараҷаи таҳлили илмиаш пасттар аст. Агар диссертант асноди ҳуқуқиро дар заминаи маводи матбуот таҳлил мекард, илмияти фасл боз ҳам баланд мегардид.

2. Ҳарчанд сохтори бобу фаслҳо ба ҳам алоқаманд буда, ҳар боб шомили ду фаслӣ аст, аммо аз нигоҳи ҳаҷм боби дуюм нисбатан калон шудааст, ки мумкин буд, баъзе аз матолибро дар контексти жанрҳои публитсистӣ дар боби сеюм таҳлил намуд.

3. Дар боби сеюм, ки ба баҳси жанрӣ бахшида шудааст, мумкин буд барои жанрҳои публитсистиву бадеӣ фасли алоҳида ҷудо намуд.

4. Диссертатсия аз нигоҳи забон ва услуб хуб ва босаводона навишта шуда бошад ҳам, ҷо-ҷо хатоиҳои имлоӣ ба назар расид. Масалан, калимаи “мавзуъ” дар ду шакл бо “ӯ”-и дароз ва “у”-и одӣ навишта шудааст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии диссертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Автореферат ва 9 мақолаи интишорнамудаи муаллиф, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи рисоларо инъикос мекунанд.

Дар умум, диссертатсияи Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» - солҳои 2015-2020)» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мукарризи расмӣ:
номзади илми филология,
дотсенти кафедраи рӯзноманигории
ватанӣ ва байналмилалии
Муассисаи таълимии байнидавлатии Раҳимов А.А.
таҳсилоти олии “Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон”

Суроғa: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30

тел.: +992918622121
E-mail: rtsuok@mail.ru

Имзои А.А. Раҳимовро тасдиқ мекунам.
Муовини сардори идораи кадри
Муассисаи таълимии байнидавлатии Боровицкая Л.А.
таҳсилоти олии “Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон”

Суроғa: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30
тел.: +9922279293
«25» ноябри соли 2022